109234 - Фоидаҳои ҳаҷ

савол

Фоидаҳои ҳаҷ кадомҳоянд?

Хулосаи ҷавоб

Фоидаҳои ҳаҷ бисёр бузург ва арзишманданд, аз ҷумла: 1. Ҳаҷ иҷрои яке аз рукнҳои асосии дини Ислом мебошад. 2. Ҳаҷ навъе аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ ба ҳисоб меравад. 3. Барои касе, ки онро мутобиқи аҳкоми Шариъат анҷом медиҳад, савобу подоши азим ва аҷри бузург муқаррар гардидааст. 4. Дар ҳаҷ зикру ёди Аллоҳ таъоло барпо шуда, бузургдошти Ӯ ва ошкор сохтани шиорҳои Исломӣ сурат мегирад. 5. Дар ин маросими бузург мусулмонон аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон гирди ҳам омада, миёни онҳо меҳру муҳаббат, дӯстӣ ва шиносоӣ ба вуҷуд меояд. 6. Ҳаҷ ваҳдату ягонагии мусулмононро дар замон, макон, амал ва зоҳир ба намоиш мегузорад. 7. Дар айёми ҳаҷ заминаи фаровони хайру баракатҳои динӣ ва дунявӣ фароҳам гардида, миёни мусулмонон мубодилаи манфиатҳо сурат мегирад. 8. Қурбониҳо ва ҳадяҳои воҷибу мустаҳабе, ки дар ҳаҷ анҷом дода мешаванд, нишонаи бузургдошти ҳурматҳои илоҳӣ буда, мардум аз онҳо бо истеъмол, ҳадя кардан ва садақа додан ба ниёзмандон баҳраманд мегарданд.

Ҷавоби муфассал

Гуногун будани ибодатҳо аз ҳикмати Аллоҳ таъоло аст

"Ҳамоно Аллоҳ таъоло аз рӯи ҳикмати худ ибодатҳоро барои бандагон гуногун қарор додааст, то онҳоро биозмояд, ки кадомашон некӯтар амал мекунанд ва роҳи дурусттарро мепаймоянд. Зеро инсонҳо аз лиҳози табиат, майлу тавоноӣ ва рӯҳия бо ҳам тафовут доранд: бархе навъе аз ибодатҳоро мепазиранд, зеро ба табъу рӯҳияи онҳо мувофиқ аст, аммо навъи дигарро намепазиранд, чун бо хоҳиши нафсашон созгор нест.

Чунин шахсро мебинӣ, ки дар як навъи ибодат фаъол, фармонбардор ва шитобон аст, вале дар навъи дигар сустӣ намуда, аз худ муқовимат нишон медиҳад. Аммо мӯъмини ҳақиқӣ касест, ки ба ҳар он чи мояи ризоияти Парвардигораш бошад, гардан мениҳад, на ба он чи мувофиқи ҳавову ҳаваси худи ӯст.

Аз ҷумлаи ҷанбаҳои гуногунрангии ибодатҳо, гуногун будани аркони Ислом аст. Бархе аз онҳо ибодатҳои комилан ҷисмонӣ мебошанд, ки анҷоми амал ва ҳаракати баданро талаб мекунанд, монанди намоз. Бархеи дигар низ ҷисмонӣ ҳастанд, аммо дар худдорӣ аз хоҳишҳо ва чизҳои дӯстдоштаи нафс, ки инсон ба онҳо майл дорад, зоҳир мегарданд, монанди рӯза. Қисме аз ибодатҳо сирф молӣ мебошанд, монанди закот. Ва гурӯҳи дигар ибодатҳое ҳастанд, ки ҳам ҷанбаи ҷисмонӣ доранд ва ҳам молӣ, монанди ҳаҷ.

Пас, ҳаҷ ибодатест, ки ҳам таклифи ҷисмонӣ ва ҳам молиро дар худ ҷамъ намудааст. Азбаски он нисбат ба дигар ибодатҳо сафар, ранҷ ва машаққати бештарро талаб мекунад, Аллоҳ таъоло онро дар тамоми умр танҳо як маротиба воҷиб гардондааст. Ҳамчунин, барои адои он шарти тавоноӣ ва иститоатро ба таври равшан муқаррар намудааст. Гарчанде иститоат, дар асл, шарти воҷиб гардидани ҳаҷ ва дигар ибодатҳо низ ба шумор меравад, аммо ин шарт дар мавриди ҳаҷ нисбат ба дигар ибодатҳо бештар ва ошкортар аҳаммият дорад.

Фоидаҳои ҳаҷ

Ҳаҷ фоидаҳои хеле бузурге дорад, аз ҷумла:

1. Он адои яке аз аркони Ислом аст, ки дин бе он комил намегардад. Ин худ далели аҳаммияти он ва нишонаи дӯстдории Аллоҳ таъоло нисбат ба он мебошад.
2. Он навъе аз ҷиҳод дар роҳи Аллоҳ таъоло ба ҳисоб меравад. Ба ҳамин хотир, Аллоҳ таъоло онро пас аз зикри оятҳои ҷиҳод ёдовар шудааст. Дар "Саҳиҳ" аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки вақте Оиша (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) аз ӯ пурсид, ки оё бар занон ҷиҳод вуҷуд дорад? Фармуд: «Бале, бар онҳо ҷиҳодест, ки дар он ҷанг нест: ҳаҷ ва умра».
3. Барои касе, ки онро мутобиқи аҳкоми Шариъат анҷом медиҳад, савобу подоши азим ва

аҷри бузург муқаррар гардидааст. Аз паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) собит шудааст, ки фармуд: «Ҳаҷҷи мабрур ғайр аз ҷаннат дигар подоше надорад». Ва инчунин фармуд: «Ҳар касе ҳаҷ ба ҷо оварад ва дар он аз бадзабонӣ ва гуноҳ худдорӣ намояд, аз гуноҳонаш чунон пок мешавад, ки гӯё ки ҳамон рӯз модараш ӯро ба дунё овардааст». Ҳамчунин аз Абуҳурайра (Аллоҳ аз ӯ хушнуд бод) ривоят аст, ки гуфт: Расулуллоҳ (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) фармуд: «Ҳоҷиён ва умракунандагон меҳмонони Аллоҳ мебошанд; агар Ӯро бихонанд, ҷавобашон медиҳад ва агар аз Ӯ омурзиш бихоҳанд, онҳоро меомурзад». Ривояти Насоӣ ва Ибни Моҷа.

4. Дар ҳаҷ зикру ёди Аллоҳ таъоло барпо шуда, бузургдошти Ӯ ва ошкор сохтани шиорҳои Исломӣ ба таври густурда сурат мегирад. Аз ҷумла: талбия гуфтан, тавофи Каъба, саъй миёни Сафо ва Марва, истодан дар Арафот, шабгузаронӣ дар Муздалифа, сангпартоӣ ба ҷамарот ва дигар амалҳое, ки бо зикр, такбир ва таъзими Аллоҳ таъоло ҳамроҳанд. Дар ҳадиси паёмбар (дуруду паёми Аллоҳ бар ӯ бод) омадааст: «Тавоф дар Каъба, саъй миёни Сафо ва Марва ва сангпартоӣ ба ҷамарот танҳо барои барпо доштани зикри Аллоҳ таъоло муқаррар шудааст».
5. Дар ин маросими бузург мусулмонон аз тамоми гӯшаву канори ҷаҳон гирди ҳам омада, миёни онҳо меҳру муҳаббат, дӯстӣ ва шиносоӣ ба вуҷуд меояд. Ҳамчунин дар ин муҳити бузург панду андарз, роҳнамоӣ ва иршод ба некӣ ва ташвиқ ба он ҷойгоҳи муҳим доранд.
6. Ҳаҷ ваҳдату ягонагии мусулмононро дар замон, макон, амал ва зоҳир ба намоиш мегузорад. Ҳама дар мавзеъҳои муқаддас дар як вақт меистанд, амалашон як аст ва намуди зоҳирияшон низ яксон: бо эҳром — изор ва ридо, дар ҳолати хоксорӣ ва фурӯтанӣ дар пешгоҳи Аллоҳ азза ва ҷалла.
7. Дар айёми ҳаҷ заминаи фаровони хайру баракатҳои динӣ ва дунявӣ фароҳам гардида, миёни мусулмонон мубодилаи манфиатҳо сурат мегирад. Барои ҳамин, Аллоҳ таъоло мефармояд:

لِيَشْهَدُوا مَنَافِعَ لَهُمْ

(سورة الحج: ٢٨)

«То шоҳиди манофеи (гуногуни) хеш бошанд». (Сураи Ҳаҷ: 28).

Ин оят ҳам манфиатҳои динӣ ва ҳам дунявиро дар бар мегирад.

8. Қурбониҳо ва ҳадяҳои воҷибу мустаҳабе, ки дар ҳаҷ анҷом дода мешаванд, нишонаи бузургдошти ҳурматҳои илоҳӣ буда, мардум аз онҳо бо истеъмол, ҳадя кардан ва садақа додан ба ниёзмандон баҳраманд мегарданд. Ҳамин тавр, фоидаҳо, ҳикматҳо ва асрори ҳаҷ бисёранд". Поёни сухан аз китоби "Маҷмуъу фатово"-и Ибни Усаймин (24/239).

Ва барои маълумоти бештар, ба ҷавобҳои рақами (2804), (34359), (5261) ва (223333) муроҷиат карда шавад.